Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Собирова Уғулбӣ Садулоевна дар мавзуи «Нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохт (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-англисӣ), ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ пешниҳод гардидааст.

Дар забоншиносии муосири тоҷикӣ баррасии масъалаҳои муқоисаи забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар аз паҳлуҳои гуногун аҳаммияти хосса пайдо кардааст. Бо пешрафти ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ масъалаҳои забон низ таваҷҷуҳи мутахассисонро ба худ ҷалб менамояд, зеро он ҳамеша дар ҳоли рушду тағйирёбӣ қарор дошта, ба таҳқиқоти наву тоза ниёз дорад.

Омонимҳо яке аз падидаҳои муҳимми забонӣ буда, таҳқиқу омӯзиши он, алалхусус дар муқоиса бо забонҳои дигар, аз ҷумла забони англисӣ, ба таври фарогир ва мукаммал сурат нагирифтааст. Гузашта аз ин, воҳидҳои луғавӣ бо мурури замон, алалхусус таҳаввулоти босуръати ҷанбаҳои мухталифи ҷомеаи кунунӣ, тобишҳои маъноии гуногун касб намуда, омӯзиши онҳо дар ҳолати кунунӣ аз аҳамияти илмиву амалӣ бархӯрдор аст. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи Собирова У.С. – Нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои гуногунсохтор бо истифода аз фарҳангҳои луғоти тафсирӣ ва дузабона - мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсияи мавриди таҳқиқ ба ихтисоси пешниҳодшуда – 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ ва самтҳои илмии забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, кори тарҷумонӣ ва ғайра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаву феҳристи адабиёт, замимаҳо ва рӯйхати ихтисораҳо иборат буда, дар маҷмуъ 177 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Ҳар як боб ва фаслу зерфасл дигареро пурраву мукаммал намуда, дар маҷмуъ таҳқиқоти комили диссертатсиониро ба вуҷуд овардааст.

Дар мукаддима роҷеъ ба мушаххаскунии мубрамии мавзуъ, мақсаду вазифаҳои муаллиф, асосҳои методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ва ғайра андеша карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия "Масъалаҳои назариявии омонимия дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба масъалаҳои муайян кардани мафҳуми омонимия, омилҳои пайдоиши он, таҳлили этимологӣ, робита бо полисемия ва ғайра бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқу баррасии бомуваффақияти омонимҳо дар мисоли забонҳои мухталиф ва бо истеҳсолот пайванд намудани натиҷаҳои таҳқиқ ба як қатор масъалаҳои тарҷума дар самти англисӣ-тоҷикӣ ва баръакс равшанӣ меандозд. Чунон ки аз баррасии диссертатсия бармеояд, ин ҷиҳати масъала дар он хуб инъикос ёфта, ба қавли муаллиф, тарҷумони хуби забони англисӣ, ки забонро аз лиҳози дастури забон, фонетика, луғат – яъне мансубият ба ҳиссаи нутқ, маъноҳои гуногуни вожаҳо, траникрипсия ва ҷойи задаро хуб донад, дар кор худ ғалатҳои касбиро ба ҳадди ақал мерасонад.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар таҳлили ақидаҳои олимони соҳа роҷеъ ба омонимия муҳаққиқ малакаи хос нишон дода, инъикоси паҳлуҳои гуногуни назариявии масъаларо нишон додааст. Аз ҷумла қайд мегардад, ки қисмати зиёди онҳо дар ақидаи онанд, ки омонимия вуҷуд дорад ва онҳо калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати шакл ва овоз ҳамранг буда, маъноҳои гуногун доранд. Қисмати дигари онҳо, аз қабили А.А. Реформатский омонимияро «бемории аср» номидаанд ва А.И. Головня, Л.В. Шерба омонимияро умуман эътироф намекунанд. Э. Эман онро чизе меномад, ки ба равшании забон халал ворид месозад ва ин ақидаи ӯро муҳаққиқони дигар аз қабили Р. Василева, Р.С. Бричз, Ҷ. Орр, Ҷегер ва Кеннеди ҷонибдорӣ мекунанд. Муҳаққиқон Л.А. Булаховский, Р.А. Будагов зиди он ақидаанд, ки омонимия нукси забон аст. Онҳо иброз мекунанд, ки омонимия дар бой гардидани таркиби луғавии забон ёрии калон мерасонад.

Омоним яке аз падидаҳои бисёр ҷолиби забонӣ маҳсуб меёбад, ки дар раванди тарҷума таъсири он бараъло эҳсос мегардад. Масалан, ибораҳои ҷудогона ҳангоми ихтисос шудан гурӯҳи омонимиро ташкил намуда, барои муайян намудани маънои контекстуалии онҳо аз сарчашмаҳои гуногун истифода кардан зарур меояд. Дар диссератсия роҷеъ ба ин ҳолатҳо мисолҳои ҷолиби диққат ба назар расиданд, чунончи: RTC – Railway Transport Corps; RTC-Reserve Training Corps; RTC-Recruit Training Corps; RTC-Royal Tanc Corps ва ғайра.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳқиқи омонимҳо робитаи онҳо бо полисемия мебошад. Дар ин ҷода низ унвонҷӯ дар кори худ ақидаҳои ҷолиберо ҷамъоварӣ намуда, андешаҳои ҷолиб иброз кардааст. Дар натиҷа, ҷиҳати фарқият гузоштан миёни ин ду падидаи забонии ба ҳам наздик таърифҳои дақиқро бо далелҳои боэътимод собит сохтааст. Гуфта мешавад, ки бисёрмаъноӣ (сермаъноӣ) ба калима, ба морфемаҳо (решагиҳо ва аффиксдорҳо), инчунин ба объект (ибораҳо, ҷумлаҳо, матн) хос аст. Бисёрмаъноӣ ба бисёр калимаҳо (ҳам маънодор ва ҳам ёридиҳандаҳо) хос аст, ки ҳангоми кушодани фарҳанг кас ба ин бовар мекунад. Вале аз сермаъноӣ омонимияро бояд фарқ кард. Аломатҳои омонимӣ нигорандаҳои мувофиқ (ё овозӣ ё ҳар дуро) доранд. Байни маъноҳои калимаҳои омонимӣ алоқае, ки шоҳиди муносибати маънои далелнок бошанд, вуҷуд надорад. Дар ин сурат ба калимаҳои муносиб муродиф овардан лозим асту халос. Масалан, калимаи «mould» *(қолиб аядоза)* дар забони англисӣ чор маънӣ дорад, ки аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд (саҳ.44 дисс.).

Дар мутобиқатҳои байнизабонии воҳидҳо ва раванди тарҷума мафҳуми “дӯстони ғалатандоз” мавҷуд аст, ки дар диссертатсия он “дӯстони назарфиреби тарҷумон” унвон гирифтааст, ки ин ҳам аз лиҳози истилоҳшиноси ҷолиб аст. Омили асосии ташаккули ба истилоҳ “дӯстони назарфиреби тарҷумон” маҳз омонимҳо мебошанд, ки дар шакли вожа ва ибораҳои озоду устувор ба мушоҳида мерасанд. Баррасии танҳо ҳамин ҷанбаи омонимҳо низ яке аз мавзуъҳои мубрам ва ҷолиб хоҳад буд, ки дар

диссертатсия то андозае инъикос гардидани онро мушоҳида мекунем. Ба андешаи рисоланавис, “Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҷуфти забонҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо калимаҳои шаклан монанд, вале аз рӯи маъно гуногун арзи вуҷуд доранд”. Дар миқдори зиёди забонҳо ба тарҷумонҳо зарурати муфассал омӯхтани “дӯстони назарфиреб” вуҷуд надорад. Чунин намуди калимаҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд дорои якчанд маъно бошанд, вале яке аз ин маъноҳо бо маънои “дӯстони назарфиреб” мувофиқ меояд (**dust** from the road covered the car – **гарду ғубори** роҳ авомобилро пӯшонда буд, яъне чанг, на **даст** ба маънои узви бадан).

Дар боби дуюми диссертатсия “Инъикоси омонимия дар осори луғатнигорӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар асоси фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ) масъалаҳои инъикоси омонимҳои лексикӣ, грамматикӣ ва грамматикӣ-лексикӣ дар фарҳангҳои луғот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба унвони таъриф ва мисолҳои омонимҳои лексикӣ муаллиф чунин қайдҳо дорад, ки мантиқан дуруст ва воқеият наздик аст: омонимҳои лексикӣ гуфта, калимаҳои шаклан якхеларо меноманд – **duck** – мурғобӣ/**duck** – матои катонӣ. Бо ҳамин тартиб дар диссертатсия омонимҳои грамматикӣ ва грамматикӣ-лексикӣ баррасӣ шудаанд.

Яке аз бартариҳои боби мазкур дар он аст, ки гурӯҳҳои номбурдаи омонимҳо дар фарҳангҳои луғоти мушаххас дар шакли муқоиса аварда шудаанд. Дар натиҷаи чунин баррасии луғатҳои А. Мамадназаров ва П.Ҷамшедов муаллиф хулоса мекунад, ки “Фарҳанги англисӣ-тоҷикии А. Мамадназаров бо омонимҳо ба тариқи муфассал сарукор дошта, маъноҳои гуногуни онҳо бо мисолҳо собит карда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия, ки аз 14 банди ҷудогона иборат аст, натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи мавзуъ ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаҳои муаллифи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, мазмуну мунтаричаи мухтасари таҳқиқро ба таври илмӣ натиҷагирӣ менамоянд.

Рӯйхати адабиёти илмии диссертатсия, асосан, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар 10 замимаи диссертатсия муаллиф маводи аёнии ҷолиберо бо тақсимоти мавзуии мушаххас нишон додааст, ки хусусияти инъикоси омонимҳоро дар фарҳангҳои мавриди таҳлил нишон медиҳанд.

Бешубҳа, дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар он аст, ки таҳқиқи омонимҳои забонҳои тоҷикиву англисӣ дар заминаи фарҳангҳои луғот бори нахус сурат мегирад ва дар ин бобат дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда масъалагузорӣ карда шуда, диссертант ба хулосаҳои ассонок расидааст. Тавсияҳои муаллифи диссертатсия мантиқӣ буда, ба соҳаҳои мушаххаси забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ равона гардидаанд. Чунон ки муаллиф қайд намудааст, натиҷаҳои диссертатсия барои истифода дар таҳқиқу пажуҳиши забоншиносии англисию тоҷикӣ васоити хубе буда метавонанд, ба муҳаққиқони англисшинос дар омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои дигари ин падида мусоидат карда метавонанд ва ҳангоми гузаронидани курс ва семинарҳои тахассусии ихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муфиданд.

Диссертатсияи Собирова У.С. дорои заминаи қавии илмию назариявӣ буда, аз маводи фаровони амалӣ бархӯрдор аст, ки муаллиф аз фарҳангҳои луғоти муътамади мавҷуда ҷамъоварӣ намудааст. Дар он роҷеъ ба роҳу воситаҳои инъикоси омонимҳо дар мисоли фарҳангҳои гуногун дар шакли муқоиса таҳлил карда шудаанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар тавассути 13 мақолаи илмӣ сурат гирифта, 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумуҳурии Тоҷикистон, 2-то дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 5-то дар маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ, 1-то дар маҷаллаи байналхалқии илмӣ-амалии “ENDLESS LIGHT in SCIENCE”, 1-то дар маҷаллаи “Паёми Осиё” ва луғат бо номи “Фарҳанги англисӣ-тоҷикии омонимҳо”ба чоп расондаи муаллифи рисола мебошанд. Мақолаҳо ба

мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии баанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Барасмиятдарории диссераттсия дар умум ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, баъзе номувофиқатии ҷузъӣ дар қисми эродҳои ҳамин тақриз ишора гардидаанд.

Автореферат мазмуну мундариҷаи кори илмиро баён менамояд. Варианти русии автореферат бо мазмуну мундариҷаи варианти тоҷикии он мувофиқ аст.

Бо вуҷуди ин диссертатсияи Собирова У.С. аз камбудиҳо орӣ нест. Зикри онҳоро барои беҳдошти сифати кор лозим мешуморем:

1. Агар нақш ва мавқеи омонимҳо дар забонҳои интихобнамудаи муаллиф дар мисоли ҷумлаҳо аз матнҳои жанрҳои мушаххас таҳлил мегардид, боз ҳам ҳусни илмии кор тақвият меёфт, зеро маънои мушаххаси вожа маҳз дар контексти муайян аён мегардад.
2. Дар анҷоми зербобҳо овардани ҷумлаҳои хулосакунанда ба мақсад мувофиқ мебуд.
3. Мисолҳои ҷумлаҳо аз Умари Хайём, Мирзо Абдулқодири Бедил, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайра дар диссертатсия оварда шудаанд, вале сарчашмаи онҳо маълум нест (саҳ.76,78).
4. Ҷадвалҳо дар матни диссертатсия рақамгузорӣ нашудаанд (саҳ.32,50,55,62,65,71,99,109, 110,124).
5. Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 4., 5, 7, 13, 51, 68 ва ғ.).
6. Дар матни автореферат низ нуқсонҳои таҳририву техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои болозикр қимати илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва дар сурати бартараф кардани камбудиҳо арзиши кор болотар хоҳад рафт.

Умуман, диссераттсияи мазкур кори анҷомёфта буда, арзиши баланди илмӣ дорад ва ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми

июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он – Собирова Уғулбӣ Садулоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6,
E-mail: fayoztursunov@gmail.com
Тел: (+992) 935-77-20-37

Имзои Ф. М. Турсуновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«4» декабрс с. 2023.